# ТАҚРИЗИ

Муқаррризи расмӣ ба дессертатсияи Ниёзбекова Гуличаҳон Алибековна дар мавзуи «Шароитҳои педагогии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст.

Мавзуи рисолаи илмии Ниёзбекова Гуличаҳон Алибековна , ки ба ташаккули шароитҳои педагогии татбиқи технологиҳои инноватсионӣ дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бахшида шудаст, дорои муҳимияти хоси таълимӣ ва тарбиявӣ буда, дар самти ба камол расонидани насли дорои маърифату фарҳанги воло мавқеи муҳимро ишғол менамояд. Истифодаи мақсадноки технологияи инноватсионӣ дар соҳаи маориф истифодаи навовариҳо ҳам дар назария ва ҳам дар амалия мебошад. Гузашта аз ин, навоварӣ дар соҳаи маориф татбиқи навгониро бо мақсади таълим; таҳияи мундариҷаи нав, методҳо ва шаклҳои нави таълиму тарбия, татбиқ ва паҳн кардани системаҳои мавҷудаи педагогӣ; ташаккули технологияҳои нави идоракунии муассисаи таълимӣ ва рушди он; муассисаи таълимӣ ҳамчун макони таҷриба; вазъияте, ки муассисаи таълимӣ самти нави таълимӣ дорад ва навсозии таълиму тарбияро ҷорӣ кардааст, пешбинӣ менамояд, ки дорои хусусияти систематикӣ буда, ба ҳадаф, мундариҷа, усул, шакл ва дигар ҷузъҳои системаи маориф таъсир мерасонад.

Муҳимияти мавзуи мазкурро ба инобат гирифта, бо мақсади баланд бардоштани фармону дастур ва ҳидоятҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумхурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 ва Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ ва риёзиву техникӣ барои солҳои 2010-2020, инчунин дигар ҳуҷҷатҳои директивӣ дар соҳаи маориф васеъ мавриди истифода қарор дода шуданд.

Гуфтан бамаврид аст, ки ғамхорӣ ва талошҳои Сарвари давлат ҳамон вакт натиҷаи хуб ба бор хоҳад овард, ки агар ворид намудани технологияҳои инноватсионӣ ба муҳити таълимӣ, ки ба амсилаҳои мукаммали раванди таълиму тарбия асос ёфтаанд, дар заминаи ягонагии диалектикии методология ва воситаҳои татбиқи онҳо сурат гирифта, ҳамзамон усулҳои дигарро нисбат ба раванди таълим, рафтор ва тафаккури педагогии омӯзгорро муайян намояд.

Технологияҳои инноватсионӣ ва тарзу усулҳои таълим ба хотири он таҳия карда мешаванд, ки ҳар як хонанда пас аз хатми муассисаи таълимӣ бо истифода аз тамоми қобилиятҳои худ ба муваффақият ноил гардад. Ҳамин тариқ, ҳадафи технологияҳои инноватсионӣ дар мутахассиси оянда ташаккул додани шахсияти фаъолу эҷодкор мебошад, ки фаъолияти таълимию маърифатии худро мустақилона сохтаву танзим карда тавонад. Имрӯз технологияҳое самаранок ҳисобида мешаванд, ки имкон медиҳанд ташкили ҷараёни таълим бо дарназардошти самти тахассусии таълим, ҳамчунин таваҷҷӯҳи шахсияти толибилм, манфиат ва майлу қобилияти ӯ ба роҳ монда шавад.

Дар рисолаи илмӣ бамаврид баён карда шудааст,ки ҳадафи асосии раванди таълиму тарбия ин тайёр кардани мутахассисониояндаи соҳибихтисос мебошад, ки қобилияти кори самараноки касбиро аз рӯи ихтисоси худ дорад ва дар бозори меҳнат рақобатпазир мебошанд.

Таълими анъанавии хонандагони муассисаҳои таълимӣ, ки ба ташаккули донишу малака ба соҳаи фан нигаронида шудаанд, аз талаботи муосир ақибтар монда истодааст. Дар марҳилаи муосир раванди таълим ва тарбия ба ворид кардани технологияҳои инноватсионӣ асос ёфта, иттилоотикунонии раванди таълим ҳамчун маҷмӯи чораҳое дониста мешавад, ки бо нав кардани низоми таълиму тарбия алоқаманд мебошанд. Дар ин раванд технологияи иттилоотӣ ба воситаи муҳити техникӣ, барномавӣ, фаннӣ ва методӣ баҳо дода шуда, ҳангоми истифодаи воситаҳои компютерии таълим омӯзгор манбаи ягонаи иттилоот барои хонанда буданашро қатъ менамояд.

Муваффақияти худмуайянкунӣ ва худшиносии омӯзгор аз ташаккули фарҳанги касбии омӯзгор вобаста аст. Илова бар ин, дуруст қайд карда шудааст, ки такмили ихтисоси омӯзгор бештар ба фарҳанги худмуайянкунии касбӣ ва шахсият вобаста аст, ки қобилияти интихоби худро дар муҳити зудтағйирёбандаи касбӣ таъмин менамояд. Аммо бояд қайд кард, ки агар равандҳои табдилдиҳандаи таълиму тарбия бо усулҳои озмоиш ва иштибоҳот, бе барномаи асосноки илмӣ амалӣ карда шаванд, натиҷаи самарабахш намедиҳанд. Талабот ба фаъолияти эҷодии мутахассис ва тафаккури техникии рушдёфта дар такмилдиҳии таҷҳизот ва технология рӯз то рӯз меафзояд. Ҳалли ин мушкилот аз бисёр ҷиҳат аз таркиб ва технологияи инноватсионии таълими мутахассисони оянда вобаста аст.

Ҳамаи ин масъалаҳои мубрами педагогика бояд самаранок ва пайдарпай ҳал карда шаванд. Боз ба шарти он ки дар як муддати кӯтоҳ ин кор бояд амалӣ гардад. Зеро талабот ба рушди пойгоҳи таълимию моддӣ ба ҳама маълум аст. Ба ин кор технологияҳои муосири инноватсионӣ метавонанд кӯмак намоянд. Онҳоро аз ҳам ҷудо кардан имконнопазир аст, зеро танҳо ҷорисозии вусъатноки технологияҳои муосири педагогӣ имкон медиҳад, ки худи парадигмаи маориф дигаргун карда шавад ва танҳо технологияҳои нави иттилоотӣ шароит фароҳам меоваранд, ки имконоти мавҷудаи технологияҳои муосири педагогӣ самараноктар истифода карда шаванд.

Ба ақидаи муаллиф шароитҳои педагогии ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълимию тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тавассути роҳҳои зерин ба баланд шудани сатҳи сифати таҳсилот мусоидат менамоянд:

- қобилияти истифодаи технологияҳои муосири таълим дар фаъолияти таълимӣ;

- дастрасии васеъ ба иттилооти маҳфуз дар тамоми гӯшаҳои дунё; ва рушди системаи таҳсилоти фосилавӣ;

- дар истифодаи тарзҳои амалии кор бо иттилооти гуногун, таҳия ва истифодаи усулҳои нави самараноки таълим.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар такмили назарияи педагогика ифода ёфта, аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин муаррифгари он аст:

- асоснок карда шудани имконоти истифодаи босамари технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълиму тарбия аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ;

- муайян кардани асосҳои педагогӣ ва санҷида шудани самарабахшии истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва нақши онҳо дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи озмоишҳо;

- таҳлил карда шудани адабиёти илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ;

- таҳлил ва таҳқиқ шудани шароитҳои раванди фаъолияти таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нақши он дар истифодаи технологияҳои инноватсионӣ;

- амалӣ карда шудани корҳои озмоишӣ бо манзури санҷиши маҷмӯии босамари шароитҳои педагогӣ ва воситаҳои ташаккули истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ба омӯзиш.

- муайян кардани хусусиятҳои шароити педагогии ҷорӣ кардани технологияҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ.

Мувофиқи суханони олими намоёни Ҷумҳурии Тоҷикистон Ф. Шарифзода, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди муосири таълим, бояд вазифаҳои зеринро дар системаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷро намоянд: қабули системаи ягонаи барномавӣ ва мувофиқ бо технологияи компютерӣ ва технологияи коммуникатсионӣ, ки дар раванди таълимии муттасил истифода мешаванд. Пайвасти ташкилотҳои таълимӣ ба шабакаи ягонаи рақамӣ бо дастрасии минбаъда ба Интернет ва ташаккули муҳити ягонаи иттилоотӣ барои таълими муттасил бо эҷоди пойгоҳҳои иттилоотӣ дар самтҳо ва ихтисосҳои таълим, ки ҳуҷҷатҳои методологӣ, энсиклопедияҳо, маълумотномаҳо, китобҳои

дарсӣ ва васоити таълимӣ, инчунин воситаҳои иловагиро, ки раванди таълимро дастгирӣ мекунанд, дар бар мегирад.

Ба ақидаи олими тоҷик Тақдиров Т.К., барои татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар мактабҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,намудҳои зерини инноватсия таъсис намуда шудаанд, ки инҳо барномаи инноватсионӣ, лоиҳаи инноватсионӣ, навоварии маъмурӣ, навоварии менеҷмент, инноватсияи технологӣ, усули инноватсионӣ, раванди инноватсия, навовариҳои дохили мавзуъ, навовариҳои умумии методологӣ, навовариҳои идеологӣ, навовариҳои ташкилӣ, самти инноватсионии фаъолияти омӯзгорӣ, васоити инноватсионии таълим, системаи инноватсионии таълим, муассисаҳои инноватсионӣ мебошанд.

Дар рисола оид ба таълими ҳамгиро, ки омили дигари рушди малакаи кори бошуурона бо инноватсияи технологии мебошад, далелҳо оварда шуда, ҳалли вазифаҳои Барномаи давлатии амалӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 29 сентябри соли 2017, №443), Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 (қарори Ҳукумати ҶТ аз 30 апрели соли 2011, №227) нигаронида шудаанд инъикос ёфтаанд. Хадафи технологияҳои инноватсионӣ дар мутахассиси оянда ташаккул додани шахсияти фаъолу эҷодкор мебошад, ки фаъолияти таълимию маърифатии худро мустақилона сохтаву танзим карда тавонад. Имрӯз технологияҳое самаранок ҳисобида мешаванд, ки ташкили ҷараёни таълим бо дарназардошти самти тахассусии таълим, ҳамчунин таваҷҷӯҳи шахсияти толибилм, манфиат ва майлу қобилияти ӯро ба роҳ монданро имкон медихад.

Муҳаққиқ бо далелҳо бартарии таълими муносибати босалоҳиятро нисбати таълими анъанавӣ исбот намуда. усулҳои босамари раванди мазкурро равшану возеҳ дарҷ намудааст. Дар байни хонандагон оид ба ташкили ҷараёни таълиму тарбия дар заминаи татбиқи технологияҳои инноватсионӣ пурсиш гузаронида шуд.

Дар байни дигар саволҳо инҳо низ буданд:

• "Навоварӣ чист?"

• «Чаро мо ба технологияи инноватсионӣ ниёз дорем?»

Ҷавобҳо чунин буданд:

• Ин навигарӣ аст.

• Мо ба он ниёз дорем, то дарсҳо шавқовар бошанд. Он ба мо лозим аст, то ки мо маълумоти васеътар дошта бошем.

• Аҷоиб аст! Ин чунин маъно дорад, ки ба андешаи мо, презентатсияҳои худро дар мавзуъҳои гуногун омода карда метавонем, то матнҳои худро дар компютер навишта тавонем.

• Барои он, ки худи мо ҳам тасмим гирем, дар ҳаёти синф бояд фаъолона ширкат варзем.

Дар қисмати водоркунӣ омодашавии хонандагон ба дарс, алоқамандии мавзуи гузашта бо мавзуи нав ва алоқамандӣ бо ҳаёти имрӯза мавриди баррасӣ қарор дода мешавад.

Дар қисмати даркнамоӣ коркард намудани маводи пешниҳодгардида дар якҷоягӣ бо хонандагон ба роҳ монда мешавад.

Дар қисмати мулоҳизаронӣ ҷамъбасти натиҷаи фаъолият ва хулосабарорӣ амалӣ карда мешаванд.

Муаллифи рисолаи илмӣ Ниёзбекова Гуличаҳон Алибековна дар фарзияи тадқиқот асосҳои назариявӣ - амалиро дар такмили назарияи педагогика ифода намуда ва аз навгонии илмӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот бар меояд, ки нуктаҳои зерин, ки муаррифгари он аст:асоснок карда шудани имконоти истифодаи босамари технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълиму тарбия аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ; муайян кардани асосҳои педагогӣ ва санҷида шудани самарабахшии истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва нақши онҳо дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар заминаи озмоишҳо; таҳлил карда шудани адабиёти илмӣ оид ба мавзуи таҳқиқот аз ҷиҳати назариявӣ; таҳлил ва таҳқиқ шудани шароитҳои раванди фаъолияти таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва нақши он дар истифодаи технологияҳои инноватсионӣ; амалӣ карда шудани корҳои озмоишӣ бо манзури санҷиши маҷмӯии босамари шароитҳои педагогӣ ва воситаҳои ташаккули истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ба омӯзиш муаррифгари он шуда метавонад.

Дар навгонии илмии тадқиқот асосҳои методологии омӯзиши махсусиятҳои шароитҳои педагогии ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ки дорои сохтори сеқисмата (унсурҳои маърифатӣ, ҳавасмандкунонӣ ва рафторӣ) буда, рушди марҳила ба марҳилаи он дар барномаи таълимии муассисаҳои таълимӣ инъикос меёбанд, муайян карда шудаанд; меъёрҳо, роҳ ва тарзи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар мазмуни таҳсилот муайян ва ташкили дарсҳо бо истифодаи технологияи инноватсионӣ пешниҳод гардида,амсилаи функсионалӣ-таркибии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ҳангоми ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълиму тарбия, ки маҷмӯи шароитҳои педагогиро фаро мегиранд, тарҳрезӣ, аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва дар корҳои озмошӣ озмуда шуданд.

Инчунин маҷмӯи шароитҳои педагогӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии раванди ҷорисозии технологияҳои муосир ва самарабахш тайёр кардани омӯзгорон барои омӯхтани истифодаи технологиҳои инноватсионӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян карда шудаанд.

Аҳамияти назариявӣ ва амалии тадқиқот дар он зоҳир мегардад, ки самаранокии моделҳои пешниҳодшуда оид ба ташаккули дар раванди фаъолияти таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ шароитҳои педагогии татбиқи технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълиму тарбияи аз тариқи озмоишҳо асоснок карда шудаанд;

- меъёр, дараҷаҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва намудҳои онҳо, равшан сохтани моҳияти истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар таълиму тарбия аниқ ва коркард шудаанд;

- восита ва шаклҳои фаъолияти муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ дар татбиқи технологиҳои инноватсионӣ ва тарзҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ дар дарсҳо, мавқеи технологияҳои инноватсионӣ дар баланд бардоштани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон муайян карда шудаанд;

- тавсияҳои илмию амалӣ ҷиҳати ташаккули салоҳияти омӯзгор оид ба истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ҳамчун сифати муҳими касбии омӯзгорон коркард ва пешниҳод шуданд.

Натиҷаҳои таҳқиқотро метавон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, донишгоҳҳои педагогӣ ва дигар муассисаҳои таълимӣ, инчунин дар раванди ташкили ҷараёни таълим ҷиҳати ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон истифода бурд.

Натиҷаҳои тадқиқот метавонанд ҳангоми коркарди ҷанбаҳои методии баланд бардоштани самаранокии дарсҳо ва сифати дониши хонандагон истифода намуда, мавриди таваҷҷуҳи мутахассисони соҳаи педагогика, психология ва методикаи таълим қарор гиранд;

- тавсияҳои методӣ метавонанд амалан дар раванди омодасозии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии равияи омӯзгорӣ, дар курсҳои такмили ихтисос, таҳияи дессертатсия, корҳои курсӣ, дипломӣ ва рефератиӣ истифода карда шаванд.

Аз истифодаи адабиёти мутолиашуда маълум шуд, ки мухаққиқ дар таҳияи рисолаи илмӣ зиёд кор бурда, метод ва воситаҳои таълими самарабахшро бо коркарди истифодаи арзишҳои миллӣ пешниҳод намудааст, ки ба рушди малакаҳои кор бо матн, дарки маъно ва хониши бошуурона мусоидат хоҳад кард.

Сарфи назар намудани кабудиҳои кӯчаке, ки мехоҳанд костагии ночизро ба рисола ворид намоянд, дуруст нест. Аз ин рӯ, пешниҳод карда мешавад, ки :

1. Дар мавриди тавъам будани таълим ва тарбия, такя бар осори ниёгон арзиши рисоларо ба маротиб меафзуд, мутаасифона дар тамоми матн (рисола) як маротиба аз Абуалӣ ибн Сино ёд шудаасту бас.
2. Дар рисола ғалатҳои имлоӣ ва истифодаи бемавқеи аломатҳои китобат ҷо-ҷо ба назар мерасанд, ки шояд ғалатҳои техникӣ бошанд, ё бинобар сабаби ба тозагӣ ба тавсиб расидани Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ (20 июни соли 2021, №268) бошад, ки ислоҳшавандаанд ва арзиши рисоларо коҳиш намедиҳанд.
3. Ислоҳи саҳвҳо муҳтавои рисоларо таъсирбахш намуда, арзиши онро меафзояд.

## ХУЛОСА

Рисолаи илмии Ниёзбекова Гулҷаҳон Алибековна, ки фаъолиятҳои тадқиқотии шароити ашаккули малакаҳои кор бо матн ва дарки маъноро дар бар мегирад, илман асоснок карда шуда, пешниҳод карда шудааст.

Тарз, усул ва воситаҳои таълим, эътимоднокӣ, пешниҳоду тавсияҳои аз ҷиҳати илмию методӣ асоси худро ёфтаанд.

Рисолаи илмӣ бо забони тоҷикӣ навишта шуда, тартиби таҳия, ҳобаҷогузории қисмҳои он ба пуррагӣ ба талабот ҷавобгӯ мебошад. Баъди ҷамъбасти ҳар як боб хулосаҳо бароварда шудааст.

Миқдори навишти рисолаи илмӣ кофӣ буда, бо пешниҳоду тавсияҳои назариявию амалӣ ва намунаҳову ҷадвалҳо таъмин карда шудааст.

Автореферат мундариҷаи асосии рисолаи илмиро дар бар гирифта, бо мӯҳтавои дессертатсия мувофиқат мекунад.

Дар интиҳои рисолаи илмӣ омилҳои асосии рушди малакаҳои кор бо технологияҳои инноватсионӣ, ки илман собит карда шудаанд, манзури омӯзгорон гардонида шудааст.

Дессертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ буда, муаллифи он Ниёзбекова Гулиҷаҳон Алибековна ба дарёфти дарааи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот сазовор мебошад.

Муқаррizi расмӣ: Доктори илмҳои педагогӣ,

профессор, мудири кафедраи барномасозӣ ва

низомҳои зеҳнии Донишгоҳи байналмилалии

сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

Мирзоев Абдулазиз Раҷабович

02.02..2023 с.

**Маълумот барои тамос:** Шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5
Тел.+992 2348802, +992918636113; Почтаи электронӣ: aziz69@mail.ru

*Имзои А.Р.Мирзоев-ро тасдиқ мекунам*
*Сардори РК ва КМ ДБССТ* *Ҷураев Ш.Н.*

02.02..2023 с.